12330 - Оё бо пули закот масҷид сохтан ҷоиз аст?

савол

Оё бароям ҷоиз аст, ки пули закотро барои сохтмони масҷид истифода барам?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Кумитаи доимӣ пурсиданд:

Оё сарф намудани пули закот барои таъмири масҷид, фарши он ва ғайра ҷоиз аст?
Чунин посух доданд:

Закот махсус ба ҳашт тоифае, ки Аллоҳ таъоло дар ояти зерин баён кардааст, тақсим карда мешавад:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللهِ وَابْنِ السَّبِيلِ

سورة التوبة: ٦٠

«Садақаҳо танҳо барои фақирон ва мискинон ва коргузорони ҷамъоварии он ва дилҷӯшудагон ва барои (озод кардани) бандагон ва (пардохти қарзи) қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон (дарроҳмондагон) аст». (Сураи Тавба: 60).

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки масҷидҳо аз ҷумлаи ҳашт тоифаи дар оят зикршуда нестанд. Сарф намудани закот ба ин ҳашт тоифа маҳдуд шудааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.